Тақриз

ба автореферати рисолаи номзадии Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар чараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Асосҳои педагогию дидактикӣ ва илмию методологии назариявӣ дар мавзуи ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар чараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология дар пажӯҳишҳои олимони хоричӣ А.А. Вербитский, В.В. Дежкин, Лихачев, Б.Т., И.Т. Суравегина, Л.И. Салеева, А.П. Сиделковский ва дигарон инъикос ёфтаанд. Натичаи баланди таълиму тарбияи экологии насли наврас ин ташаккулдиҳии маърифати экологии онҳо ба шумор меравад. Омӯзиш ва таҳияи роҳу усулҳо ва чанбаҳои таълиму тарбияи экологӣ дар замони муосир дар таҳқиқоти олимони хоричӣ: А.Н. Захлебний, Л.В. Моисеева, И.Т. Суравегина ва олимони ватанӣ Э.А. Турдиқулов, С. Мирзоев, А. Раҳимов, А. Давлатов, М. Саидов, А. Эргашев ва дигарон аз нигоҳи педагогӣ, дидактикӣ, методию амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардидаанд.

Масъалаҳои таълиму тарбия ва маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар асару мақолаҳои олимону муҳаққиқони кишвар М. Лутфуллоев, Н.О. Холбеков, А.И. Раҳимов, Холназаров С., Ёров Ч., Насриддинов С., А.М.Мирализода, С.Мирзоев, М. Досаков ва дигарон инъикос гардида, нақши онҳо ба рушди илми педагогикаи ватанӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Аз дидгоҳи назариявӣ унвончӯ низоми тарбияи экологӣ ва ахлоқиро тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар муассисаҳои таълимӣ таҳия ва асоснок намуда, дар илми педагогика саҳми босазо гузошта, меъёру тавсияҳои муқарраргардидаи ташаккули фаъолияти экологии хонандагони синфҳои 5-9-ро дар рафти корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ омӯхтааст.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи довталаб муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода карда, бо дарназардошти талаботи Дастурамал дар бораи таҳияи диссертатсия ва автореферат таҳия шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои тачрибавию озмоишӣ дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфии якчанд муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон амалӣ гашта, самаранокии худро собит сохтаанд ва, табиист, ки натиҷаҳои бадастомадаро дар баргузории корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ба таври васеъ метавон мавриди истифода қарор дод. Бо дарназардошти дастовардҳои назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавон хулоса кард, ки диссертатсия ва автореферати он ба талаботи тартиби додани унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад. Автореферат ва диссертатсия босаводона, бо забони илмӣ ва фаҳмо тахия гардида, дар он масъалаҳо пайдар пай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои ба дастомада ифодагари онанд, ки унвонҷӯ доир мавзуи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқиқот ҷиддӣ кор бурдааст. Ба хотири инъикоси хубтари мавзуъ унвоҷӯ дар 2 рисолаи хеш аз расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда васеъ истифода намудааст. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 17 мақола нашр намудааст, ки аз онҳо 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар асоси автореферат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи илмии Қӯзиева Р.М. дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогика) мебошад. Дар автореферат ва диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он табқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Ҳамин тариқ, дар асоси матни автореферати диссертатсияи Қӯзиева Р.М дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» ба бандҳои 76, 77 ва 79-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ба тасвиб расидааст,

ҷавобгу буда, муаллифи он Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз рӯи ихтисоси 13 .00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогика) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири
кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

05.12.2022с.

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5 Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р.Мирзоев-ро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ ДБССТ* *Ҷураев Ш.Н.*

05.12.2022с.